**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобаста ба масъалаи рушди низоми пардохтӣ ва истифодаи ҳарчӣ бештари амалиётҳои ғайринақдӣ мушкилот, ҳадаф ва афзалиятҳои стратегӣ муайян гардидааст. Тибқи ин ҳуҷҷати стратегӣ дар бахши молиявии кишвар яке аз мушкилоти асосӣ ин дараҷаи баланди истифодаи маблағҳои пули нақд ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт мебошад. Тибқи натиҷаҳои чашмдошти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана бояд ба 50 фоиз расонида шавад. Муҳиммияти таҳқиқоти мазкур аз ҳамин ҳуҷҷати муҳими стратегӣ сарчашма гирифта, мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити муосир тақозои замон мебошад.

Муаллиф дар автореферта аз рӯи мушоҳидаҳои раванди таърихи пайдоиши муомилоти молию пулӣ хулоса намудааст, ки аввал тарзи ҳисоббаробаркуниҳо дар заминаи ивази молҳои муайян (бартер) ва пайдоиши тангаҳои мисин, нуқрагин ва тиллоӣ зуҳур карда, баъдан бо назардошти талабот бонкҳо таъсис ёфта, шаклҳои нави пардохти пулӣ (вексел, шаҳодатмонаи бонкӣ) ба миён омад. Бо гузашти вақт ва зарурати иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла тезонидани амалиётҳои пулию молӣ, таъмини бехатарӣ, кам намудани хароҷоти нигоҳдорӣ ва ба гардиши истеҳсолот ворид намудани воситаҳои пулӣ шаклу воситаҳои нави ҳисоббаробаркуниҳо рушд карда истодааст. (саҳ. 11)

Дар автореферати диссертатсия дарҷ шудааст, ки рушди нокифояи инфрасохтори рақамию пардохтӣ ва мушкилоти сатҳи нисбатан пасти маърифати технологию молиявии аҳолӣ ва соҳибкорон, имрӯзҳо имконият намедиҳанд, ки ҳадафҳои стратегӣ дар ин самт пурра татбиқ гарданд. Аз ин рӯ, зарурияти мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва пурзӯр намудани механизми маҳдудкунии истифодаи пардохтҳои нақдӣ ба миён овардааст. Чунки дар мавриди афзоиш ёфтани истифодаи пули нақд дар муомилот шаффофияти ҳисоботҳои молиявию пардохтӣ коста гардида, идоракунии ҳаҷми пул ва истифодаи он ба манфиати иқтисоди миллӣ душвор мегардад. Дар ин замина ҳиссаи иқтисодиёти

ғайрирасмӣ зиёд гардида, омилҳои пулии идоранашаванда зиёд мегарданд. Ҳамаи ин омилҳои манфии хоси иқтисоди имрӯза имконият намедиҳанд, то сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ ва макроиқтисодӣ бо муваффакият амалӣ карда шаванд. Ба андешаи муаллиф шарти муҳимтарини рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити муосири Тоҷикистон пурзӯр намудани инфрсохтори рақамию пардохтӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бо роҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, баланд бардоштани мафкураи технологию молиявии бахши хусусӣ ва аҳолии кишвар, инчунин марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани механизми ҳавасмандкунандаву маҳдудкунанда дар самти истифодаи пардохтҳои ғайринақдию нақдӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин бо забони хело хуби илмӣ ва оммафаҳм навишта шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити муосири иқтисодиёти рақамии Тоҷикистон фаро гирифтааст.

Дар автореферати диссертатсия вобастагии коҳишёбии иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз татбиқи пурраи низоми пардохтии ғайринақдӣ ва иқтисодиёти рақамӣ дар асоси сарчашмаҳои илман асоснокшудаи олимони хориҷӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои омори расмӣ, таҳқиқотҳои ташкилотҳои байналмилалию ватанӣ аз ҷониби муаллиф муайян карда шудааст. Муаллиф хулоса кардааст, ки яке аз роҳҳои имконпазири кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва афзун намудани манбаъҳои андозбандишавандаи иқтисодиёт ин рушди ҳамаҷонибаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва дар ин замина ташкили низоми муосири баҳисобгириву ҳисобдорӣ ба ҳисоб меравад.

Моҳият ва мазмуни кори диссертатсионӣ асосан дар мақолаҳои интишор намудаи муаллиф ва дар матни автореферат хеле хуб бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ баён ёфтаанд.

Диссертатсия дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, таклифу пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф, ба ақидаи мо, дорои баъзе камбудиву масъалаҳои баҳсноки зерин мебошад:

1. Хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия қонуниятҳои умумиҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ мушаххас арзёбӣ мегардид, махсусан доир ба ташаккули талабот ва пешниҳод ба прдохтии ғайринақдӣ, ки ба муттаҳидсозии самтҳои тавсияшавандаи фаъолият метавонад саҳми назаррас гузорад.

2. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф мавриди такмил ва ҷори намудани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар, таъсир ва ҳар гуна хавфу хатарҳои берунаро ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ба назар гирад ва чораҳои превентивӣ – пешгирикунандаи онро таҳия мегардид.

Ба андешаи мо камбудиҳои зикршуда ба сифати баланди кори илмии иҷрошуда таъсири манфи намерасонанд ва моҳияти тавсиявӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки дар умум автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба

талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Вализода Шавқат Шаробудин сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент О.Қ. Муртазоев

Имзои Муртазоев О.Қ. – ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо,
корҳои махсус ва умумӣ Шодиева З.Д.

*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 89.*
*Тел: (992 37) 2211100. Факс: (+992 37)221-11-00. E-mail: info@mts.tj*